«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»
Ректори Донишгоҳи давлатии Кӯлоб
ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ,
профессор __________ Сафарзода М.В.
аз «___» ____________ 2026

# ХУЛОСАИ
# ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ КӮЛОБ БА НОМИ АБУАБДУЛЛОҲИ РӮДАКӢ

Диссертатсияи Раҷабзода Афзал Мирзо дар мавзуи «Омӯзиши ҳолати шиддатнокии равонӣ ва физиологии организми хонандагон дар раванди таълим» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D060700-Биология (6D060732-Физиология) дар кафедраи биология ва методикаи таълими они Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ» иҷро шудааст.

Дар ҷараёни омода намудани диссертатсия Раҷабзода Афзал Мирзо докторанти (PhD)-и кафедраи биология ва методикаи таълими они Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ ба шумор мерафт. Раҷабзода Афзал Мирзо соли 2009 ба ихтисоси 1-020404 Биология-Экологияи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ дохил шуда, онро соли 2013 хатм намуд. Пас аз хатми донишгоҳи номбурда, барои идомаи таҳсил ба шуъбаи магистратураи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 1М-31.01.01.01.02 – Ботаника дохил шуда, соли 2019 зинаи мазкурро бо ихтисоси дар боло зикршуда хатм намудааст.

Номбурда, бо фармоиши ректори Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ аз 06 сентябри соли 2021 №12 ба ҳайси докторанти (PhD) аз рӯйи ихтисоси 6D060700-Биология (6D060732-Физиология) қабул карда шуда, онро соли 2024 хатм намудааст.

Мавзуи диссертатсияи Раҷабзода Афзал Мирзо дар мавзуи «Омӯзиши ҳолати шиддатнокии равонӣ ва физиологии организми хонандагон дар раванди таълим» дар ҷаласаи Шурои олимони Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, 24 декабри соли 2021, таҳти №5/3-8 тасдиқ шудааст. Диссертасия зери роҳбарии доктори илмҳои биологӣ, профессори кафедраи физиологияи одам ва ҳайвоноти Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Устозода Мирзо Бобоҷон ба анҷом расидааст.

Диссертатсияи Раҷабзода Афзал Мирзо дар ҷаласаи кафедраи биология ва методикаи таълими они Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, 21 феврали соли 2026, протоколи №7 муҳокима гардидааст. Ба диссертатсия аз ҷониби муқарризон баҳои мусбат дода шуда, пас азислоҳи камбудиҳо ба зинаи навбатии ҳимоя тавсия карда шудааст.

Оид ба натиҷаи баррасии диссертатсия дар мавзуи «Омӯзиши ҳолати шиддатнокии равонӣ ва физиологии организми хонандагон дар раванди таълим» чунин хулоса қабул карда шуд:

Ихтисос ва мавзуи таҳқиқоти диссертатсионии Раҷабзода Афзал Мирзо ба шиносномаи ихтисоси илмии 6D060700-Биология (6D060732-Физиология), аз ҷумла, ба банди 3 – таҳқиқи қонуниятҳои функсионалии системаҳои асосии организм (асабӣ, иммунӣ, сенсорӣ, ҳозима, инкишоф, тарашшуҳи дохилӣ ва ғ) банди 4 – таҳқиқи механизми идроки сенсорӣ ва ташкили ҳаракат, банди 7 – таҳқиқи асосҳои физиологии фаъолияти равонии одам (механизми омӯзиш, хотир, эҳсос, шуурнокӣ ва ташкили рафтори мақсаднок), банди 8 – омӯзиши механизмҳои физиологии мутобиқшавии одам ба ҳама гуна шароитҳои ҷуғрофӣ, экологӣ, меҳнат, нутқ ва иҷтимоӣ ба муҳтавои диссертатсия мувофиқат мекунад.

Диссертатсияи Раҷабзода Афзал Мирзо дар мавзуи «Омӯзиши ҳолати шиддатнокии равонӣ ва физиологии организми хонандагон дар раванди таълим» ба самти афзалиятноки илми биологияи ватанӣ, паҳлуҳои

мухталифи фанни физиологияи одам, арзишҳои илмии самти биология, тарбияи шахсияти донишҷӯён дар самти дӯст доштани табиат ва илми биология, ҳамзамон донистани техникаи инноватсионӣ дар ин самт алоқамандии зич дошта, ба амалисозии «Самтҳои афзалиятноки рушди илм, техника ва технология дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025», солҳои 2020-2040 «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи маориф» робитаи бевосита дорад.

Аз ҳамин мавқеъ, мавзуи пажуҳишии Раҷабзода Афзал Мирзо , ки ба омӯзиши ҳолати шиддатнокии равонӣ ва физиологии организми хонандагон дар раванди таълим дар муассисаҳои таҳсилоти миёна бахшида шудааст, муҳим ва мубрам арзёбӣ мегардад.

Натиҷаҳои илмии таҳқиқи диссертатсионӣ ва тавсияҳои методии пешниҳодкардаи довталаб дар раванди таълим ва корҳои синфӣ тавассути баргузории корҳои таҷрибавӣ - озмоишӣ гузаронида шудаанд. Натиҷаҳои таҳқиқ дар ҷаласаҳои кафедраи биология ва методикаи таълими они Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ баррасӣ шуда, дар конференсияҳои ҳамасолаи илмӣ-назариявӣ ва ҷумҳуриявӣ оид ба масъалаҳои биология иҷро ва тасвиб шудаанд. Диссертатсияи Раҷабзода Афзал Мирзо дар мавзуи «Омӯзиши ҳолати шиддатнокии равонӣ ва физиологии организми хонандагон дар раванди таълим» ба ихтисоси интихобшуда пурра мувофиқат мекунад.

Саҳми диссертант дар он зоҳир мегардад, ки дар муддати чанд соли таҳқиқот дар ҷамъоварии маводи илмӣ, омӯзиши адабиёти назариявӣ, таснифи маводи ҷамъовардашуда ба гурӯҳҳои муайян ва навиштани кори илмии худ машғул шуда, дар ин самт мақолаҳои илмӣ таълиф намуда, дар конференсияҳои сатҳи гуногун бо маърӯзаҳои илмӣ суханронӣ кардааст

Мавзуи диссертатсия ба бандҳои 3.4.7.8. – и шиносномаи ихтисосҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

аз рӯйи ихтисоси 6D060700-Биология (6D060732-Физиология) мутобиқат менамояд.

Диссертатсия аз муқаддима, 6 боб, 5 зербоб, хулоса ва рӯйхати адабиёти истифодашуда иборат мебошад.

Натиҷаҳои асосии таҳқиқи диссертатсионӣ мазмуни асосии таҳқикро ифода карда, дар 8 мақолаи илмӣ, ки 5 номгӯй аз онҳо дар феҳристи нашрияҳои илмии такризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 3 номгӯй дар маҷмуаи маводи конференсияҳо ба табъ расидаанд, инъикоси худро ёфтаанд. Ҳаҷми умумии онҳо ду ҷузъи муаллифиро ташкил медиҳад. Теъдод ва мазмуни интишороти натиҷаҳои илмӣ, аз он ҷумла, мақолаҳои илмии довталаб, ки дар нашрияҳои илмии такризшавандаи феҳристи тавсиянамудаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва нашрияҳои дигар ба табъ расидаанд, ба муҳтавои диссертатсия ва автореферати он мутобиқат доранд.

Мундариҷаи асосии таҳқиқ аз рӯйи мавзуи дисертатсия дар таълифоти зерини муаллиф инъикос ёфтааст:

**1. Мақолаҳои илмие, ки дар маҷаллаҳои такризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр шудаанд:**

[1-М] Раҷабов А.М. Омузиши қиёсии мутобиқшавии психофизиологии хонандагон ба ситемаҳои гуногуни таҳсил [Матн] / А.М. Раҷабов//Илм ва иноватсия”.-ISSN2312-3648.-Душанбе.-2022- №4.-С.110- 113.

[2-М] Раҷабов А.М, Омузиши тағйирёбии нишондиҳандаҳои вегетативӣ вобаста байшакли таълим дар хонандагон [Матн] /. М.Б Устоев, А.М. Раҷабов, А. Очилдиев //”Илм ва иноватсия”.-ISSN2312-3648.-Душанбе.-2023- №.-1.- С.248-253.

[3-М] Раҷабов А.М. Баҳодиҳии равони физиологии хонандагон дар равнди таълим [Матн] / М.Б Устоев, А.М. Раҷабов // “Илм ва инноватсия”. - ISSN2312-3648.-Душанбе.-2023- №.-3.- С.210-215.

[4-М] Раҷабов А.М. Таҳқиқӣ физиологии тағйирёбии фаъолияти системаи марказии асаб дар донишҷӯён дар раванди таълим [Матн]  Б.Р. Устоев, М.Б. Устозода, А.М. Раҷабов, Ф.Х. Назарова // “Илм ва инноватсия”.-ISSN2312-3648. - Душанбе.-2025- №.-4.- С.185-192.

[5-М] Раҷабов А.М. Омузиши хусусиятхои иҷтимои физиологии шароити маиши ва тарзи тарзи хаёти донишчуён [Матн] / Б.Р. Устоев М.Б. Устозода, С.И. Исмоилова, А.М. Рачабов // Паёми Пажухишгоҳи рушди маориф. - ISSN2617-5320.-Душанбе - 2026  №1(53) С.58- 66.

**II.Мақолаҳо ва фишурдаи интишорот дар маҷмуаҳои дигар**

[1-М]. Раҷабов А.М. Нақши таълим ба ҳолати  физиологӣ ва равонии хонанда [Матн] / М.Б. Устоев, А.М. Раҷабов // Маводҳои конференсияи илмӣ-назариявӣ бахшида ба эълон гардидани солҳои 2022 – 2026”Солҳои рушди саноат” ва “ Бистсолаи омузиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ. Кӯлоб.- 2022.- С.309- 310.

[2-М] Раҷабов А.М. Омузиши махсусияти физиологии хонандагони синну соли гуногун дар ҷараёни таълим. Маводҳои конференсияи ҷумхуриявии илмӣ- амалӣ бо иштироки байналмиллалӣ [Матн] / М.Б Устоев, Ф. Зарифзода, А.М. Раҷабов. //“Ҷанбахои экологи-физиологии фаъолияти системахои зинда бо таъсири омилҳои гуногуни муҳит” бахшида ба 70- солагии доктори илмҳои биология профессор Устоев М.Б. -Душанбе.-2024.-С.- 296-301

[3-М] Раҷабов А.М. Хусусиятҳои физиологии донишҷӯёни синну соли гуногун дар раванди таълим [Матн]. / М.Б. Устоев, А.М. Раҷабов // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-назариявӣ дар мавзуи “Таъсири омилҳои экологӣ ва тағйирёбии иқлим”.- Кӯлоб.-2024.-С. 132-133.

Ҷаласа қарор кард:

1. Диссертатсияи Раҷабзода Афзал Мирзо дар мавзуи «Омӯзиши ҳолати шиддатнокии равонӣ ва физиологии организми хонандагон дар раванди таълим» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D060700-Биология (6D060732-Физиология) кори анҷомёфта ҳисобида шавад.

2. Диссертатсияи Раҷабзода Афзал Мирзо  дар мавзуи «Омӯзиши ҳолати шиддатнокии равонӣ ва физиологии организми хонандагон дар раванди таълим» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) –

доктор аз рӯйи ихтисоси 6D060700-Биология (6D060732-Физиология) бо назардошти ислоҳи эродҳои гирифташуда, ба ҳимоя дар шурои диссертатсионии дахлдор тавсия дода шавад.

Хулоса дар ҷаласаи кафедраи биология ва методикаи таълими они Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ аз 21 феврали соли 2026, протоколи №7 қабул гардидааст.

Иштирок доштанд: ҳамагӣ 20 нафар. Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор» – 20 нафар; «зид» – нест; «бетараф» – нест.

**Раиси ҷаласа:**
**мудири кафедраи биология ва методикаи таълими они Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, номзади илмҳои педагогӣ, дотсент** **Бобозода Б.Ҷ.**

**Котиби ҷаласа:**
**муаллими калони кафедраи биология ва методикаи таълими они Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, номзади илмҳои кишоварзӣ** **Намозов А.К.**

**Имзоҳои Бобозода Б.Ҷ., Намозов А.К. -ро тасдиқ мекунам: Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ** **Давлатов М.А.**

**Суроға: 735360, Ҷумҳурии Тоҷикистон, вилояти Хатлон,**
**ш. Кӯлоб, кӯчаи С. Сафаров 16,**
**Тел: тел.: (+992 3322) 2-35-06, факс: (+992 3322) 2-35-06 E-mail: info@kgu.tj**